Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

# ОЁ РУҲ ҲАМ БА ҒИЗО НИЁЗ ДОРАД?

Алҳамдулиллоҳи Раббил-ъоламин. Ва салавоту салом бар Паёмбари Худо, ки раҳмат аст барои тамоми оламиён, ва бар оли Ӯ ва ҳамсаронаш ва ёрону асҳоби поки Ӯ, ва бар ононе ки то рӯзи Қиёмат пайрави раҳматангезонашро мекунанд.

**Аммо баъд:**



Яке аз устодон, дар суҳбате, ки дар Маккаи мукаррама, дар Ҳарами Маккӣ, дошатанд ва ба ин ишора намуд, ки инсон гоҳо фаромушт мекунад ва дар ғафлат мемонад, ки руҳи инсон ҳам ғизо мехоҳад, руҳ ҳам нӯшоба мехоҳад, руҳ ҳам бемор мешавад ва ниёз ба муоличҷа дорад ва руҳ ҳам мемирад, агар ба он диққат дода нашавад, ҳамчуноне ки бадан ба хӯрока, нӯшоба, табобату инояту назорат ниёз дорад. Масъала то чҷое расида, ки тамоми умр ва тамоми ҳимматҳоро сарфи бадан менамоянд ва аз он гузашта барои зебогӣ ва рафоҳияти бадан саъю талошҳои зиёд мекунанд, дар ҳоле ки руҳашон харобу лоғар, бемору бемадор, бо сару рӯи афсурда ва хастае аст, ки ба он назар карда намешавад. Ва ҳол он, ки дар ҳадис омадааст, Расулуллоҳ (с) хабар додаанд, ки маънои ҳадис чунин аст: Аллоҳ таъоло ба суратҳои шумо ва молҳои шумо назар намекунад, валекин ба қалбҳои шумо ва амалҳои шумо назар мекунад. Пас бубин назаргоҳи Илоҳиро ба он адоза омода кардаӣ, ки вақте ба он назар кард, аз ту розӣ шавад? Ё ин ки машғулияти ту танҳо ба чизе буда, ки Аллоҳ таъоло ба он аслан назар намекунад?

## Мегузарем ба суҳбати он бузурвор:

Аллоҳ таъоло фарзанди Одам (а)-ро аз ду унсур офаридааст: Бадан ва руҳ. Бадан бошад, он як қабзаи хок аст, ки аз он падарамон Одам алайҳиссалом офарида шудааст. Аммо руҳ бошад, он нафха ва дамидани Илоҳие аст, ки ба воситаи он офарниши башар аз бақияи дигар офаридаҳои Худованд баландмартаба шудааст. Чигунае, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

“**Пас вақте онро сомон додам (дуруст кардам), ва дар он аз рӯҳи Худ дамидам, (ба нишонаи бузургдошти Аллоҳ) дар баробараш саҷда кунед**”. Сод:72. Пас Аллоҳ таъоло башарро аз хок офарида. Ин ду унсуре мебошанд: Бадан, ки аз хок офарида шудааст ва рӯҳ, ки он нафхаи (дамидаи) бузурги Илоҳист.

Фарзанди одам бо ин ду унсур зиндагонӣ мекунад. Бисёр вақт мешавад, ки ҳимматҳо ва вақтҳо сарф мешаванд ва умрҳо аз байн меравaнд, ҳама дар таҳия ва омода намудани ғизои баданҳо, инояту диққат додан ба баданҳо, тибобати баданҳо, луқмаи баданҳо ва дигар ончӣ баданҳо ба онҳо ниёз доранд. Агар фарзанди Одам танҳо ба ин унсур маҳдуд мешуд, ки гӯё он танҳо бадан ва ҷисм бошад, ва ҳамаи умр, ва ҳамаи талошашро барои он сарф мекард, албатта мисли ҳайвонот мешуд. Зеро ҳайвонҳо инчунин чизе ҷуз баданҳояшон надоранд. Онҳо аз вақте ки халқ карда мешаванд, ҷуз таъомашон, нӯшобаашон, издивоҷашон, то вақте ки мемиранд, дигар коре надоранд.

Аммо фарзандони Одам (а) бошанд, ҳоли онҳо бо рӯҳи дамидаи Илоҳие, ки ба сабаби он дорои мартабаи баланд гаштаанд, ва бар ҳамаи дигар махлуқоташ шарофат ёфтаанд, дигаргун мебошад. Он дамидани Илоҳӣ, ки рӯҳи инсон аст, ниёзманд мешавад ва эҳтиёҷот дорад, ҳамчуноне ки бадан вақте, ки бемор шуд ба табобат кардан муҳтоҷ мешавад, ва ба таъом вақте ки гурусна шуд, ва ба қуте вақте муҳтоҷ гардид ва ба инояту диққат додан модоме, ки рӯҳ дар қафаси синаи ӯ метаппад. Агар онро муҳмал гузошт ва ба он аҳамият надод, ба монанди ҳайвон мегардад. Ба монанди ҳайвон, ки ҷуз бадан чизи дигареро назорат намекунад, ба сару либосаш аҳамият медиҳад, ба андомаш диққат мекунад, ба мӯйяш, ба таъому хӯрокаш, ва зебу зинаташ, комилан ҳамчуноне ки ҳайвонот мекунанд.

Аммо бандаи муъмин бошад, чун шарафу бузургии рӯҳро медонад, ки ба воситаи он дорои мақоми баланд гардидааст, аз ин ҷиҳат ба он диққат медиҳад, ҳамчуноне ки ба бадан диққат ва аҳамият медиҳад, ба ҳардуяшон баробар. Ӯ рӯҳашро ба фаромушӣ намесупорад на аз таъомаш, на аз нӯшобааш, на аз табобаташ, на аз давою муолиҷааш.

Оё рӯҳ, дар ин умур, мисли бадан аст? Оре. Балки аз ончӣ барои бадан аст, аз он дида диққату аҳамият додан ва нигоҳубин намуданаш, бузургтар мебошад. Ҳимматҳо барои он сарф карда мешаванд ва умрҳо барои он ба охир мерасанд.

Эй бузургворон! Аллоҳ таъоло ҷасадро аз хок офарид, ва ғизои онро, ва ҳаёти онро аз ҳамон ҷинсе, қарор дода, ки аз он офарида шудааст. Қути бадан чизҳое иборат аст, ки аз замин хориҷ мешаванд; мисли таъому шароб ва амсоли инҳо.

Аммо руҳ бошад, Аллоҳ азза ва ҷалла ғизои он ва қути онро аз моддае гардонидааст, ки ҷинси офариниши он мебошад, ва он аз руҳи дамидаи Илоҳӣ офарида шудааст, ки мақоми он баланду болост. Пас руҳ наметавонад ҳаёте дошта бошад ё қуте ё таъоме ё нӯшобае, магар ба онҷӣ он аз осмон фуруд меояд. Ва аз осмон чизе фуруд наомадааст, магар ваҳйи Илоҳӣ, ки бар Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, нозил шуда буд. Пас ҳар касе барои руҳаш наҷот мехоста бошад, ба руҳаш диққату аҳамият додан хоҳад ва онро хоҳад баланд бардорад, ва табобату муолиҷааш намояд, пас аз ин умури осмонӣ, дар он мавзеъ ҷустуҷӯ намояд. Дар он чизе, ки ваҳйи Илоҳӣ омадааст. Моддаи ҳаёти руҳ танҳо он аст, ки аз он офарда шудааст. Ва ҳар касе аз он ғофил монад ва бехабар гардад, ҳақиқатан ҳам насиби нафсашро зоеъ кардааст, ва руҳро аз он чӣ баданҳоро қут додааст, маҳрум гардонидааст.